Тақриз

ба фишурдаи диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна дар мавзуи «Бобо Афзали Кошонӣ ва хусусиятҳои мавзуию бадеии рубоиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Мавзуе, ки диссертант Маҳмадалиева М.Р. интихоб кардааст, ба мавзуи муҳимми адабиётшиносӣ ихтисос дорад. Мубрамияти мавзуи мавриди назар дар он зоҳир мегардад, ки гарчанде масъалаи таҳқиқ ва ошкор намудани ҷойгоҳи орифи шоир ва мутафаккири асрҳои XII-XIII форс-тоҷик Афзалуддини Кошонӣ ҳанӯз аз оғози асри XIX диққати шарқшиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла шарқшиносони феҳрастнигор Ҳерман Эте, Чарлз Риё, А. Шпрингер ва донишмандоне чун Ян Рипка, Э. Бертелс, Саид Нафисӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Худой Шарифзода ва дигаронро ба худ ҷалб намуда бошад ҳам, то ба ҳол дар илми адабиётшиносии тоҷик рӯзгор ва осори ин ҳакими шоир ба таври мушаххас ва дар шакли ҷудогона мавриди омӯзиш карор нагирифтааст.

Қобил ба ёдоварист, ки роҷеъ ба баъзе паҳлуҳои эҷодиёти Афзалуддини Кошонӣ аз тарафи адабиётшиносони тоҷик ва шарқшиносони хориҷӣ мақолоти ҷудогонае таълиф гардидааст, вале аксари онҳо хусусияти иттилоотиву умумӣ дошта, масъалаҳои марбут ба зиндагинома, мазмуну муҳтаво ва дигар ҷанбаҳои эҷодиёти ӯро ба таври мушаххас фаро намегиранд, бинобар ин мухтассоти осори Бобо Афзали Кошонӣ, бахусус рубоиёти ӯ, ба пажӯҳиши амиқу дақиқ ва фарогире ниёзманд буд. Диссертатсияи Маҳмадалиева Муҳаббат барои ҳалли масъалаи мазкур нигаронида шуда, муаллиф барои таҳқиқу баррасии мукаммали мавзуъ аз сарчашмаҳои зиёди адабӣ ва осори таҳқиқие, ки ба мавзуъ алоқамандӣ доранд, суд ҷуста, ба таври зарурӣ аз онҳо истифода намудааст.

Аз мутолиаи фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки унвонҷу таҳлилу баррасии диссертатсияи худро дар пояи усулҳои маъмули илми

адабиётшиносӣ, яъне тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзам анҷом додааст, ки саҳми эшонро дар ин самт воқеӣ таъкид менамояд.

Чуноне аз муҳтавои фишурдаи диссертатсия маълум мегардад, Афзалуддини Кошонӣ ҳанӯз дар айёми зиндагонии худ ҳамчун олиму донишманд ва ҳакими сӯфимашраб миёни хоссу ом нуфузу эътибор пайдо намуда, дар садри уламо ва урафои замони худ қарор доштааст ва бо лақаби «Бобо» маъруфият доштани ӯ далели дар асри худ пешвои мардуми бисёр ва муршиди абнои замон будани ӯст.

Дар асоси таҳлили маъхазҳо ва андешаҳои муҳаққиқон диссертант маълум менамояд, ки аз осори мансури Афзалуддини Кошонӣ 13 рисолаи бузург, 36 рисолоти хурд, 7 мактуб ва аз осори манзуми ӯ қасоид, ғазалиёт ва рубоиёт боқӣ мондааст. Таъкид мешавад, ки дар миёни осори манзуми Бобо Афзал нисбат ба дигар анвои адабӣ рубоӣ мавқеи аввалиндараҷа дошта, шуҳрат ва маҳорати ӯ ҳамчун шоир маҳз тавассути ин жанри адабӣ бармало гардидааст. Бо дарназардошти мазмун ва муҳтавои рубоиёти шоир, метавон хулоса кард, ки Бобо Афзал низ мисли дигар адибону орифон моҳияти ҳастии инсон ва камоли маънавии ӯро дар маркази эҷодиёти худ қарор дода, тамоми маҳорати эҷодии худро барои баёни андешаҳои вобаста ба раҳнамоии инсон дар зиндагӣ, тарбияи эҳсоси худшиносӣ ва дарки маърифату рисолати инсонӣ равона намудааст.

Истифодаи васеъ аз маъхазу манбаъҳои илмӣ, адабӣ, таҳқики бозёфтҳои арзишҳои миллӣ ва хулосаҳои асосноки илмии соҳиби фишурдаи диссертатсия, унвонҷу Маҳмадалиева М.Р. бори дигар моро мутмаин месозад, ки Бобо Афзали Кошонӣ воқеан ҳам дар ривоҷу равнаки адабиёти бадеӣ ва анвои адабӣ, ба вижа рубоисароӣ, саҳми арзишманд дорад. Ин аст, ки муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, то мақом ва ҷойгоҳи Бобо

Афзали Кошониро ҳамчун шоири рубоисаро дар адабиёти форс-тоҷик муайян намояд.

Чуноне дар фишурда қайд шудааст, сохтори диссертатсияи унвонҷӯ Маҳмадалиева М.Р. аз муқаддима, 3 боб бо зербобҳои мувофиқ, хулоса ва феҳрасти адабиёт фароҳам омадааст. Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуи интихобнамудааш ба ҳадафи хеш комёб шудааст ва ин аз натиҷагириҳои ӯ доир ба масъалаи пажӯҳишӣ пайдост.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос кардаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмии диссертатсия дар кори унвонҷӯ баъзе камбуду ғалатҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1. Беҳтар мебуд, агар унвонҷӯ дар фишурдаи диссертатсия иҷмолан мулоҳизаҳои худро дар бораи баъзе аз рубоиёти шоир, ки аз матни маҷмуаи рубоиёти ӯ берун мондаанд (Сах 18) дар заминаи маводи таҳлилкардааш иброз медошт.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Чунончи, муҳаққиқ номи файласуфону орифонеро, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии шоир таъсир гузоштаанд, бо андаке ғалат ва фишурда овардааст: ба ҷои номи донишманд Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Арабӣ номи эшон Ибни Арабӣ ва ба ҷои Шиҳобиддин Яҳёи ибни Ҳабаши Суҳравардӣ номи донишманд Шиҳобуддин Яҳёи Суҳравардӣ омадааст. Ҳамчунин дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби баъзе олимон дар шакли пурра ва баъзеашон дар шакли нопурра оварда шудаанд. Ба андешаи мо, унвонҷӯ дар ин маврид меъёри ягонаро интихоб менамуд, мувофиқи матлаб мебуд (сах 9,14).

Бояд таъкид намуд, ки ғалатҳои ҷузъии номбаршуда ҳаргиз арзиши илмии диссертатсияи мазкурро коста намесозанд. Мутолиа ва баррасии

фишурдаи диссертатсия ва мушоҳидаи мақолоти банашррасондаи диссертант гувоҳи он аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна ҷамъбасти пажӯҳишҳои тӯлонии муаллиф аст.

Аз лиҳози интихоби мавзуъ, баррасӣ ва ҳаллу фасли он диссертатсия қобили таваҷҷуҳи махсус буда, таҳқиқи тоза дар адабиётшиносии тоҷик ва иқдоми муҳим дар пажӯҳиши минбаъдаи ин мавзуъ мебошад. Бинобар ин, диссертатсия ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Н.

Имзои доктори илмҳои филологӣ
Н. Ашуроваро тасдиқ мекунам:

Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.

Суроғa: 735360 ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.
Тел: (833 22), 2- 35 - 06 (833 22), 2- 36 - 26
Факс: (33 22) 2- 35 -06.
Сомона: www. kgu. tj

06.12.2022